# ИХТИРОИ БУЗУРГ

Намоишномаҳои хурд
барои хонандагони
синфҳои ибтидоӣ



Ин маҷмӯа аз ҳашт намоишномаи хурди саҳнавӣ иборат буда, дар мавзӯъҳои ҳаёти ҳаррӯзаи бачаҳо навишта шудаанд. Хонандаро ба хондану омӯхтан ва навовариву ихтироъ корӣ раҳнамой мекунанд. Баъзе саҳнаҳо лаҳзаҳои ҳазлу шӯхӣ ҳам доранд ва боиси хушҳолии бачаҳо хоҳанд шуд. Саҳначаҳо ба хониши равону бурройи хонандагон мусоидат намуда, барои гузаронидани чорабиниҳои синфию мактабӣ ҳамчун маводди иловагӣ хизмат мекунанд.

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

**Гулсара Авазова**

# ИХТИРОИ БУЗУРГ

*(Намоишномаҳои хурд
барои хонандагони
синфҳои ибтидоӣ)*

Китоби мазкур бо кумаки мардуми Амрико нашр шудааст, ки аз Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) ба хонанда дастрас карда мешавад. Мазмун ва мундариҷаи китоб маҳсули фикри муаллиф буда, метавонад, бо нуқтаи назари USAID ва ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

Душанбе — 2020

ББК 84.2 (тоҷик)
А-18

Синфи 3. Сатҳи 3.1
Навъ/жанр: бадеӣ/саҳнавӣ

А-18 Авазова Г. **ИХТИРОИ БУЗУРГ** (Намоишномаҳои хурд барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ). Душанбе – «Полиграф групп», 2020. 40 саҳ.

ISBN 978-99975-302-2-6

© 2020, Г. Авазова.
Таҳия ва нашри китоби мазкур аз ҷониби Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) дар доираи Лоиҳаи «Ҳамроҳ бихонем» дар Тоҷикистон, рақами қарордод AID-176-C-16-00003 маблағгузорӣ шудааст. Ҳамаи ҳуқуқҳо ҳифз карда шуданд».

# ИХТИРОИ БУЗУРГ

***Иштирокчиён:*** *хонандагони синфҳои ибтидоӣ.*

*Фарзона ва Умед дар саҳна нишастаанд. Дар дасти Умед як қайчист. Вай коғаз мебурад. Фарзона коғазпораҳоро гирифта, дар варақи албом мечаспонад.*

УМЕД: Фарзона, як савол медиҳам, ҷавобашро ёфта, бигӯ!

ФАРЗОНА: Ман меёбам.

УМЕД: Ин тавр бошад, сабр кун. Саволро шунав.

ФАРЗОНА: Саволатро бигӯ!

УМЕД: Оё ягон ихтирои бузурги инсониятро медонӣ?

ФАРЗОНА: Ихтирооти инсон зиёд аст. Дар тӯли мавҷудияти худ инсоният ихтирооти зиёде кардааст. Агар ихтирооти ба наздикиҳо анҷомдодаро дар назар

дошта бошӣ, ин компютер аст. Ин чиз зӯртару аҷибтар, ин муъҷизаи давронӣ мост. Пас аз хатми мактаб барномасози компютер мешавам.

УМЕД: Дурусттар фикр карда гап зан, Фарзона. Дар айни замон аз компютер бузургтар ягон ихтирои дигаре ҳаст?

ФАРЗОНА: Ба андешаи ман, нисбат ба компютер телефонро ихтирои бузург гуфтан мумкин. Ҳатман баъди хатми мактаб ихтироъкор мешавам. Телефоне ихтироъ мекунам ва бо ин корам одамонро дар ҳайрат мегузорам.

УМЕД: Фарзона, дурусттар фикр кун. Аз телефон ҳам пурзӯртар чиз ҳаст.

ФАРЗОНА: Эҳтимол, ту телевизорро дар назар дошта бошӣ. Ҳа, телевизор аз компютеру телефон ҳам зӯртар. Телевизори мо ҳазор шабака дорад. Як рӯз не, як рӯз, як телевизор ихтироъ мекунам, ки...

УМЕД: Фарзона, бархез. Рафтем.

ФАРЗОНА: Ба куҷо?

УМЕД: Ба як ҷо.

ФАРЗОНА: Барои чӣ?

УМЕД: Барои он ки ту орзуҳои хубу аҷиб кардӣ. Акнун ин орзуҳоро амалӣ кардан лозим аст.

ФАРЗОНА: Дар куҷо?

УМЕД: Ҳоло ҷоеро нишон медиҳам, ки барои иҷрои орзуҳо роҳнамоӣ мекунад.

ФАРЗОНА: Ҳамин хел ҷой ҳаст?

УМЕД: Бале, ин хел ҷой ҳаст!

ФАРЗОНА: Агар ҳамин гуна ҷой бошад, номи онро зудтар бигӯй.

УМЕД: Ин гуна ҷой китобхона аст. Ҳамаи кашфиётҳои инсоният дар китобҳо сабт шудаанд.

ФАРЗОНА: Чӣ хел?

УМЕД: Агар китоб нахонӣ, чӣ хел компютер, телефон ва телевизори наву аҷоиб ихтироъ мекунӣ? Китобҳои навро мехонию оид ба кашфиётҳои солҳои охир маълумот мегирӣ.

*Умеду Фарзона аз ҷой мехезанд ва ҳар ду ба ҷониби китобхона мераванд.*

# НАВРӮЗ Ё МЕҲРГОН

***Иштирокчиён:** Акрам ва Гулсара – хонандагони синфи 3-юм.*

*Бачаҳо дар саҳна вомехӯранд.*

АКРАМ: Салом, Гулсара.

ГУЛСАРА: Салом, Акрам. Ин қадар саросема? Ба куҷо?

АКРАМ: Ба китобхона. Дар бораи ҷашни Наврӯз дар мактаб маърӯза тайёр мекунам.

ГУЛСАРА: Хеле хуб. Дар бораи ҷашни Меҳргон ҳам гап зан. Ин ҷашн баъди Наврӯз буда, онро ҷашни ҳосилғундорӣ ҳам мегӯянд.

АКРАМ: Гапат дуруст, лекин ҳоло ҷашни Наврӯз аст.

ГУЛСАРА: Акрам, медонӣ, ман аз тамоми ҷашнҳо Меҳргонро дӯст медорам.

АКРАМ: Меҳргон ҳам ҷашни хуб аст, лекин Наврӯз...

ГУЛСАРА: Чӣ чизи Наврӯз ба ту писанд аст?

АКРАМ: Ҳангоми ҷашни Наврӯз замину замон сабзу хуррам мешавад.

ГУЛСАРА: Ҳангоми ҷашни Меҳргон табиат рангҳои гуногун пайдо мекунад: сабз, сурх, кабуд, сафед, сиёҳ, зард... Меҳргон тамоми рангҳои оламро дорад. Наврӯз фақат сабз аст.

АКРАМ: Дуруст, аммо дар Наврӯз шабу рӯз баробар мешаванд. Бисту якуми март.

ГУЛСАРА: Ҳангоми Меҳргон ҳам шабу рӯз баробар мешаванд. Бисту якуми сентябр.

АКРАМ: Боз, вақте Наврӯз меояд, мо суманак мепазем, суманак мехӯрем.

ГУЛСАРА: Инаш ҳам дуруст. Медонӣ, вақте ки Меҳргон меояд, садҳо навъи мева мепазад: анор, ангур, себ, нок, биҳӣ...

АКРАМ: Дар Наврӯз киштукор мекунанд.

ГУЛСАРА: Дар Меҳргон ҳосил меғундоранд: картошка, сабзӣ, пиёз, карам, каду... Ҳама ҷо сериву пурӣ, фаровонӣ.

АКРАМ: Ҳа, дуруст гуфтӣ, аммо дар Наврӯз деҳқонон хурсандӣ мекунанд. Дар боғу майдону саҳроҳо кор авҷ мегирад!

ГУЛСАРА: Ту ҳам дуруст гуфтӣ, аммо дар Меҳргон ҳам кор авҷ мегирад. Одамон ҳосили боғу майдону саҳроро ҷамъоварӣ мекунанд.

АКРАМ: Гулсара, як чиз бигӯям?

ГУЛСАРА: Бигӯ.

АКРАМ: Медонӣ, ин ду ҷашн бе ҳам буда наметавонанд.

ГУЛСАРА: Дуруст, баҳор аст, ки Меҳргонро шукӯҳ мебахшад.

АКРАМ: Меҳргон аст, ки тухми дар баҳорон киштаи деҳқон дастархони моро зеб медиҳад. Ин ҳама нозу неъматро Меҳргон ба мо ҳадя мекунад.

ГУЛСАРА: Ҳам Наврӯз ва ҳам Меҳргон ҷашнҳои писандидаанд.

АКРАМ: Ин тавр бошад, ҳар дуямон дуруст гуфтем.

АКРАМ ва ГУЛСАРА: Дар ҳақиқат, ин ҷашнҳо ҳам писандида, ҳам зебо, ҳам зарур, ҳам бузурганд. Хуш омадед, ҷашнҳои мо — Наврӯзи оламафрӯзу Меҳргони ҳосилбор!

# БОЗӢ

***Иштирокчиён:*** *Латофат ва Рустам – хонандагони синфи 3-юм.*

*Бачаҳо дар саҳна вомехӯранд.*

ЛАТОФАТ: Салом, Рустам.

РУСТАМ: Салом, Латофат.

ЛАТОФАТ: Рустам, ман як бозии нав ёфтам.

РУСТАМ: Чӣ хел бозӣ?

ЛАТОФАТ: Номаш «Калимаёбак».

РУСТАМ: Канӣ, фаҳмон. Бозии аҷоиб аст? Чӣ шарт дорад?

ЛАТОФАТ: Бозии бисёр аҷоиб. Ман як калима мегӯям. Ту як ё ду ҳарфи онро тағйир медиҳӣ ва ё як ҳарфашро партофта, калимаҳои дигар месозӣ.

РУСТАМ: Нафаҳмидам, ягон мисол биёр, Латофат.

ЛАТОФАТ: Хуб шудаст... *(худ ба худ)* Кадом калимаро гӯям? Ҳа, ёфтам. «Анор».

РУСТАМ: Анор?

ЛАТОФАТ: Ҳа, анор. Акнун ту ба калимаи анор як ҳарф илова бикун ё як ҳарфашро партo, ё як ҳарфашро тағйир деҳ.

РУСТАМ: *(ба хаёл меравад)* А-н-о-р... Чанор. Як ҳарф илова кардам.

ЛАТОФАТ: Акнун бо партофтани ҳиҷои дуюми калимаи «чанор» ман калима месозам *(ба хаёл меравад):* Ху-уб... Ч-а-н-о-р... Ёфтам! Чаҳор! Навбати ту.

РУСТАМ: Чаҳор... *(ба хаёл меравад):* Баҳор.

ЛАТОФАТ: Баҳо. Як ҳарфашро партофтам.

РУСТАМ: Бахр. Як ҳарфашро партофта, як ҳарф илова кардам.

ЛАТОФАТ: Даҳр. Ман як ҳарфашро иваз кардам.

РУСТАМ: Ту «дар» гуфтӣ, ман «бар» мегӯям.

ЛАТОФАТ: Сар.

РУСТАМ: Сард.

ЛАТОФАТ: Гард.

РУСТАМ: Мард.

ЛАТОФАТ: Дард.

РУСТАМ: *(ба хаёл меравад)* Ҳозир меёбам... Дард... Д-а-р-д...

ЛАТОФАТ: То даҳ мешуморам. Агар наёфтӣ, бозиро бохтӣ, Рустам. Як, ду, се...

РУСТАМ: *(саросема мешавад)* Оҳистатар шумор. Ҳозир меёбам...

ЛАТОФАТ: Чор, панҷ, шаш, ҳафт...

РУСТАМ: *(беқарор мешавад)* Сабр кун. Ҳозир... Д-а-р-д...

ЛАТОФАТ: Ҳашт, нуҳ, даҳ. *(Хурсандӣ мекунад):* Ана, наёфтӣ. Бозиро бохтӣ. Ман ғолиб омадам.

РУСТАМ: Канӣ, худат калима бигӯ. Агар «дард»-ро тағйир дода тавонӣ, баъд ғолиб меоӣ.

ЛАТОФАТ: Ман кайҳо калимаро дар хотирам гирифтам. Дард – дарё.

РУСТАМ: Ҳа, дуруст. Ёфтӣ. Туро табрик мекунам. Ту ғолиб омадӣ. Бозии аҷиб будаст. Акнун биё, боз ягон калимаи дигарро гуфта, бозиамонро давом медиҳем.

ЛАТОФАТ: Ман розӣ. Давом медиҳем.

РУСТАМ: *(ба тамошобинон хитоб карда)* Дӯстони азиз, шумо ҳам ба ин бозӣ ҳамроҳ шавед.

# ГУНҶИШК

***Иштирокчиён:***
*Аҳмад, Носир, Гуландом, Садаф.*

*Дар саҳнаи толори мактаб Аҳмад пайдо мешавад. Дар бар либоси зимистона дорад. Меистад, дар кафаш – гунҷишк (хӯса ё бозичаи он).*

АҲМАД: *(ба гунҷишк)* Вай, бечораяк-е. Чӣ ҳол дорӣ? Гурусна нестӣ? Гуруснаӣ? Ин қадар меларзӣ? Сармо асар кард? Хунук хӯрдӣ? Натарс, хавотир нашав. Акнун ту зимистонро дар хонаи мо мегузаронӣ.

*Аз рӯ ба рӯ Носир меояд. Аҳмад ӯро намебинад. Носир ба Аҳмад наздик мешавад.*

НОСИР: Салом, Аҳмад.
АҲМАД: *(як қад мепарад)* Воҳ.
НОСИР: Дар кафат чист? Гунҷишк?! Чӣ кор мекунӣ?

АҲМАД: Дар ҳаққаш ғамхорӣ мекунам.

НОСИР: Нағз-ку.

АҲМАД: Албатта, нағз. Акнун ин гунҷишкак зимистонро ҳамроҳи ман дар хонаамон мегузаронад.

НОСИР: Чӣ хел дар хонаатон? Парида меравад.

АҲМАД: Ман дар қафас мегузорам.

НОСИР: Биё, онро ҳамроҳ нигоҳубин мекунем: ман ба ту ёрӣ мерасонам.

АҲМАД: Кори савоб мешавад.

НОСИР: Гунҷишкакро то баҳор нигоҳубин карда, баъд озод намоем.

*Ба саҳна Гуландом мебарояд.*

ГУЛАНДОМ: *(Ба гунҷишк ҳайрон-ҳайрон нигоҳ мекунад)* Ин чист, Аҳмад?

АҲМАД: Гунҷишк. Гирифта бин.

ГУЛАНДОМ: *(гунҷишкро ба дасташ мегирад)* Вай-вай-вай, чӣ хел хушрӯяк-а. Аз куҷо гирифтӣ?

АҲМАД: *(гунҷишкро аз дасти Гуландом мегирад)* Аз сармо карахт шудаст, аз замин гирифтам.

ГУЛАНДОМ: Сар деҳ, вагарна мемурад...

АҲМАД: Барои чӣ мемурдааст? Ман барои куштан нагирифтам. Нигоҳубин мекунам.

НОСИР: Мо ҳамроҳ ин гунҷишкакро то баҳор нигоҳубин мекунем.

ГУЛАНДОМ: Чӣ хел нигоҳубин мекунед? Шумо аз куҷо медонед, ки гунҷишкро чӣ хел нигоҳубин кардан лозим аст?

АҲМАД: Аз одамон мепурсем.

НОСИР: Ба шабакаи Интернет даромада, маълумот мегирем. Аз Интернет дар бораи нигоҳубини тамоми парандаҳо маълумот пайдо кардан мумкин аст.

ГУЛАНДОМ: То шумо маълумот ҷамъ мекунед, ки гунҷишкаки бечора нобуд мешавад...

АҲМАД: Намешавад.

ГУЛАНДОМ: Мешавад.

НОСИР: Хайр, ба фикри ту чӣ кор кунем?

ГУЛАНДОМ: Дона диҳеду раҳо кунед.

АҲМАД: Не, дар чунин сармои қаҳратун гунҷишкакро сар диҳем, гуноҳ мешавад. Мо онро дар қафас мемонем.

ГУЛАНДОМ: Хайр, ихтиёратон. Лекин қафаси калонтару васеътар пайдо кунед. Қафас

танг бошад, гунҷишкак пару бол заданро фаромӯш мекунад, баҳорон парида наметавонад. Он гоҳ онро ягон гурба дошта мехӯрад.

НОСИР: Ана, ин гапи дигар.

АҲМАД: Боз чӣ маслиҳат медиҳӣ?

ГУЛАНДОМ: Фикр кардан даркор.

АҲМАД: Мо ба гунҷишк ҳар рӯз паша дошта медиҳем.

НОСИР: Офарин, Аҳмад. Каллаи ту зӯр кор мекунад. Ману тую Гуландом ҳар рӯз бисттоӣ, шаст паша дошта медиҳем! Гунҷишкро ҳай зӯр мекунад-а...

ГУЛАНДОМ *(механдад):* Оҳо-ҳо-ҳо-о-о!

*Дар саҳна Садаф намудор мешавад. Вай ду-се қадам гузошта, ба гуфтугӯйи ҳамсолонаш бодиққат гӯш медиҳад.*

АҲМАД: *(норозӣ мешавад)* Барои чӣ механдӣ?

НОСИР: Ин кори шӯхӣ аст, ки механдӣ? Аҳмад чӣ гуфт: «Паша дошта медиҳем» — гуфт-ку?!

ГУЛАНДОМ: Ҳозир фасли зимистон аст, худатон гуфтед, ки сармои қаҳратун ҳукм

меронад. Дар чунин боду ҳаво паша аз куҷо?

АҲМАД: Э, рост гуфтӣ, Гуландом. Мо саросема шудем. Ин маслиҳат нашуд.

ГУЛАНДОМ: Дар қафас обхӯраку донхӯраки зебо мемонем.

АҲМАД: Албатта, албатта. Ҳатман.

НОСИР: Мағзу чағз медиҳем.

ГУЛАНДОМ: Ана, ин гапи дигар. Маслиҳати оқилона.

НОСИР: Аз бозор арзану гандумреза харида медиҳем.

АҲМАД: Нонреза мехӯронем...

ГУЛАНДОМ: Фақат нони сиёҳ набошад.

АҲМАД: Барои чӣ?

ГУЛАНДОМ: Парандаҳо нони сиёҳро ба душворӣ ҳазм мекунанд.

АҲМАД: *(нобоварона)* Ту аз куҷо медонӣ?

ГУЛАНДОМ: Дар Интернет хондам. Навишта шудааст, ки ба парандаҳо нони сиёҳ додан мумкин нест.

НОСИР: Мумкин набошад, намедиҳем!

АҲМАД: Воҳ! Як фикри оличаноб.

НОСИР: Канӣ, канӣ! Шунавем.

АҲМАД: Боз як гунҷишк доштан даркор.

ГУЛАНДОМ: Барои чӣ?

АҲМАД: Барои он ки ин гунҷишкак танҳо монда, дилгир нашавад.

НОСИР: Дуруст! Дуто шуда, бозикунон зимистонро баҳор мекунанд.

АҲМАД: Рафтем, боз гунҷишк медорем!

САДАФ: *(гунҷишкро ба даст мегирад ва ба тарафи чапи саҳна рафта, сар медиҳад)*

Гунҷишкаки мармарӣ,
Бояд аз ин ҷо равӣ!

*Гуландому Аҳмаду Носир аз тарс як қад мепаранд ва ақиб мераванд. Гунҷишк парида меравад. Аҳмаду Носир аз пасаш медаванд ва ба паси саҳна мегузаранд. Баъд баргашта меоянд.*

АҲМАД: Ту чӣ кор кардӣ, Садаф?

НОСИР: Ту фақат ба кори мо халал мерасонӣ. Дирӯз...

САДАФ: Дирӯз нагӯ, Носир. Ман дирӯз ҳам кори савоб карда будам, ҳоло ҳам кори савоб кардам.

АҲМАД: Куҷояш савоб? Чияш савоб?

САДАФ: Як гунҷишки бечoраро халос кардам, ба озодӣ баровардам.

НОСИР: Мо дар ҳаққи ин гунҷишкак ғамхорӣ карданӣ будем.

САДАФ: Ман ҳамаашро шунидам.

АҲМАД: Чӣ шунидӣ? Акнун вай аз гуруснагӣ нобуд мешавад. Хунук мехӯрад.

НОСИР: Мо се нафар нигоҳубин кардан мехостем...

САДАФ: Мехоҳед, дар зимистон барои парандаҳо ғамхорӣ кунед?

АҲМАД: Албатта!

НОСИР: Ғамхорӣ карда истода будем, ту халал расондӣ.

САДАФ: Не, ба гапам дурустакак гӯш диҳед. Зимистону сармо барои гунҷишкон, барои тамоми парандаҳо хатар надорад.

АҲМАД: Чӣ хел хатар...

САДАФ: Агар парандаҳо сер бошанд, зимистону сармо ба онҳо хатар надорад. Сер бошанд, ҳамеша худашонро гарм ҳис мекунанд. Дона наёбанд, гурусна мемонанд ва хунукӣ зуд ба ҷисмашон

таъсир мекунад. Барои мурғакон сармо не, гуруснагӣ хатари зиёд дорад.

НОСИР: Нахо-од?

САДАФ: *(ботантана ва бо овози баланд)* Барои гунҷишкон зимистон не, гуруснагӣ хатари бузург аст. Фаҳмидед?

НОСИР: Ин гапро аз куҷо фаҳмидӣ? Аз худат бофтӣ?

САДАФ: О, як ҳафта пештар муаллим гуфта буданд-ку. Ҳушатон дар куҷо буд? Гуфтанд-ку: дар фасли сармо ба мурғакон фақат як ёрӣ мешавад, донхӯрак сохтан. Дигар, ба онҳо халал нарасонед. Ба парандаҳо халал нарасондан худ ғамхорист.

АҲМАД: А-а-а, дар ҳамон дарс ман набудам...

НОСИР: Ман ҳам он рӯз ба мактаб нарафта будам...

САДАФ: *(ба Аҳмад)* Аз дарс гурехтан лозим нест. *(Ба Носир):* Ҳар рӯз ба мактаб рафтан даркор.

ГУЛАНДОМ: Садаф, ман, ки дар он дарс ҳозир будам, ҳаминро ба инҳо гуфтан хостам. Лекин гӯш надоданд. Ба ҳар ҳол

|  |  |
|---|---|
|  | кӯшиш кардам, ягон маслиҳати дуруст бидиҳам. Лекин ту илоҷашро ёфтӣ, гунҷишкро озод кардӣ. Офарин! |
| САДАФ: | Агар хоҳем, ки ба гунҷишк ғамхорӣ кунем, бояд чандто донхӯрак сохта, дар ҳар ҷо овезем ва... *(ба Аҳмад нигоҳ мекунад)*. |
| АҲМАД: | Донхӯракро бояд пури дон кунем. |
| НОСИР: | Рафтем! |

*Бачаҳо мераванд, пас аз лаҳзае дар даст чанд намуд донхӯрак аз тарафи муқобил пайдо мешаванд.*

# РАНГИ КӮҲҲО

***Иштирокчиён:*** *Наргис ва Самад.*

*Наргис ва Самад дар паси миз рӯ ба рӯ нишастаанд. Дар рӯйи миз қаламҳои ранга ба назар мерасанд. Бачаҳо машғули расмкашӣ.*

НАРГИС *(гардан ёзонда ба албоми Самад нигоҳ мекунад ва бо овози паст):* Ту расми чиро кашидӣ? Ваҳ, даҳонам об кушод-е. Расми тухмбирён?

САМАД *(норозӣ):* Чӣ хел тухмбирён? Дурусттар нигоҳ кун.

НАРГИС: Ана, дурусттар нигоҳ кардам. Як табақча, дар табақча як дона тухм, тухм бирён карда шудааст. Акнун як қошуқ даркор, ки...

САМАД: Куҷои ин тухмбирён аст? Ман расми офтоб кашидам. Дар осмон истодааст. Нурпошӣ мекунад.

НАРГИС *(даҳонашро пӯшида, пастакак механдад):* А-а-а, ба назарам тухмбирён

намуд. Даҳонам ҳам об кушод. Қариб буд, гирифта хӯрам.

САМАД: Ту магар пагоҳӣ ношто накардӣ?

НАРГИС: Ношто кардам. Лекин расми ту ба тухмбирён тамоман монанд шудааст. Ҳатто дар табақча гузоштаӣ.

САМАД: Ин табақча нест.

НАРГИС *(ҳайрон мешавад):* Табақча нест? Пас чист?

САМАД: Осмон.

НАРГИС *(боз даҳонашро бо кафи даст пӯшида механдад):* О-осмо-о-он.

САМАД: Ҳа, осмон. Ана, ин кӯҳ.

НАРГИС: Агар ин расми офтоб бошад, бояд нур пошад. Офтоби ту бенур шудааст. Қалами зард гирифта, дар атрофи зардии тухм хатҳои рост бикаш. Он гоҳ расмат ба офтоб монанд мешавад.

САМАД: Ту чӣ мегӯӣ? Нури офтобро тасвир карда намешавад. Мана, ба берун нигоҳ кун, нури офтобро мебинӣ?

НАРГИС: Дуруст, дуруст, намебинам, лекин тасвир кардан даркор аст. Қалами зард гирифта, дар атрофи «тухмбирёнат»

хатҳои зард бикаш. Вагарна ин тухм офтоб намешавад.

САМАД: Ту мефаҳмӣ, дар варақи сафед ранги зард равшан наменамояд. Барои ҳамин.

НАРГИС: Барои он ки хатҳои зард равшан шаванд...

САМАД: Қаламро ба коғаз сахттар пахш кардан даркор.

НАРГИС: Не, осмонро ранги кабуд додан лозим аст. Дар болои ранги кабуд ранги зард равшан метобад.

*Самад қалам гирифта, супориши Наргисро иҷро мекунад. Дар лабонаш табассум мешукуфад.*

САМАД *(хурсанд):* О ҳо-о, ана, офтобаки рахшон шуд. Ту балоча будаӣ, Наргис. Акнун чӣ кор кунам?

НАРГИС: Акнун? Акнун кӯҳҳоро ранг кардан даркор.

САМАД: Бо кадом ранг?

НАРГИС: Бо ранги... бо ранги кӯҳ.

САМАД: Ту аҷоиб будаӣ. Ранги кӯҳӣ ҳам мешавад? Бори аввал мешунавам. Ранги сурх, зард, кабуд, сиёҳ, ҳатто сафед ранги кӯҳ намешавад.

НАРГИС: Мешавад.

САМАД: Чӣ хел мешавад, охир...

НАРГИС: Дар олам се ранги асосӣ ҳаст. Яке – сурх, дигаре – зард, сеюмӣ – кабуд. Аз ин се ранг якуним ҳазор ранги дигар месозанд.

САМАД: Э, биё, мон. Аз худат ҳар гап набоф.

НАРГИС: Ман аз худам набофтаам, инро хондам, шунидам, дидам.

САМАД: Хондӣ, шунидӣ, дидӣ? Дар куҷо?

НАРГИС: Дар маҳфили рассомони ҷавон. Мо ранг месозем.

САМАД: Чӣ хел ранг?

НАРГИС: Ҳар хел. Ту номи ин рангҳоро шунидаӣ, лекин эътибор надодаӣ.

САМАД: Масалан, кадом рангҳо?

НАРГИС: Масалан, хокистарранг. Шунидаӣ?

САМАД: Ҳа, дуруст, шунидаам.

НАРГИС: Боз, нилобӣ, қирмизӣ...

САМАД: Инашро ҳам шунидаам.

НАРГИС: Акнун, гӯш деҳ. Дар олам ранги обӣ ҳам ҳаст. Баъзе рангҳоро ширгун, олугун, мармарранг, хокӣ, ангиштӣ меноманд. Эҳ, кадомашро гӯям?!

САМАД: Аҷиб. Ман хабар надорам.

НАРГИС: Албатта, хабар надорӣ. Барои оламро дида тавонистан чашми бино доштан даркор. Дар хона нишинӣ...

САМАД: Не, ман дигар дар хона намешинам. Ҳамроҳи ту ба маҳфил меравам.

НАРГИС: Ана, ин гапи дигар. Рафтем.

САМАД: Сабр кун, Наргис. Ранги кӯҳ чӣ гуна мешавад?

НАРГИС: Инро муайян кардан бисёр осон аст. Қаламҳоятро бигиру берун баро. Як бор ба кӯҳҳо нигоҳ куну пас ба қаламҳоят. Кадом қалам ба ранги кӯҳ наздик бошад, ҳамон ранг кӯҳист.

САМАД: Офарин, Наргис. Рафтем.

*Самад қаламҳояшро ба даст мегирад. Бачаҳо шоду хандон давида берун мераванд.*

# ПАНҶТО ПАНҶ

***Иштирокчиён:*** *Маҳбуба ва Беҳрӯз.*

*Маҳбуба ва Беҳрӯз дар ду тарафи саҳна истода, бо телефон гуфтугӯ мекунанд.*

МАҲБУБА: Беҳрӯз, зудтар ба хонаи мо биё.

БЕҲРӮЗ: Мебахшӣ, наметавонам, вазифаи хонагӣ тайёр мекунам.

МАҲБУБА: Ман ҳам вазифаи хонагӣ тайёр карда истодаам.

БЕҲРӮЗ: Бисёр нағз! Давом додан гир.

МАҲБУБА: Нағзу, лекин ёфтани ҷавоби як мисол душвор шуд...

БЕҲРӮЗ: Кадом мисол?

МАҲБУБА: Панҷто панҷ. Ба ман ёрӣ расон.

БЕҲРӮЗ: Чӣ хел ёрӣ расонам?

МАҲБУБА: Ба ман ангушт даркор шуд.

БЕҲРӮЗ: Ангишт?

МАҲБУБА: Ангишт не, ангушт. Дар дастонамон ҳаст-ку. Кӯтоҳ, дароз, ишоратӣ, миёна, ангуштак.

БЕҲРӮЗ: Аҷаб гап мезанӣ. Ман ба ту чӣ хел ангушт фиристонам.

МАҲБУБА: Беҳрӯз, ангушт нафиристон. Биё, худат биё. Худат ки омадӣ, ангуштонатро ҳам мебиёрӣ-ку.

БЕҲРӮЗ: Наход барои ёфтани ҷавоби як масъали осон ангуштонамро барам. Ягон илоҷи дигар пайдо кун. Охир...

МАҲБУБА: Нашуд-да.

БЕҲРӮЗ: О, осон-ку. Ангуштони дастатро якто-якто қат карда ҳисоб мекунӣ.

МАҲБУБА: Ман ҳамин хел кардам, лекин нашуд. Мана, гӯш кун. *(Гӯшаки телефонро мегузорад. Ангуштони дасти росташро қат карда ҳисоб мекунад):* Як, ду, се, чор, панҷ. Ин — дар як дастам. Акнун ангуштони дасти дигарамро мешуморам. *(Ангуштони дасти чапашро ҳисоб мекунад):* Шаш, ҳафт, ҳашт, нуҳ, даҳ. Дуто панҷ шуд. Се панҷи дигар аз куҷо ёбам? Дигар ангушт надорам-ку?

БЕҲРӮЗ: Ангуштони пойҳоят чӣ?

МАҲБУБА: Аҳа! Мебахшӣ. Воқеан, ман дар пойҳоям ҳам ангушт дорам.

БЕҲРӮЗ: Акнун шумор.

МАҲБУБА: Ҳозир. *(Гӯшаки телефонро мегузорад. Ҷӯробҳояшро мекашад ва ангуштони пои росташро мешуморад. Худ ба худ):* Ёздаҳ, дувоздаҳ, сейздаҳ, чордаҳ, понздаҳ. Сето панҷ шуд. Акнун ангуштони пойи чапамро мешуморам. *(Ангуштони пои чапашро ҳисоб мекунад):* Шонздаҳ, ҳабдаҳ, ҳаждаҳ, нуздаҳ, бист. Чорто панҷ шуд. Боз якто панҷ даркор... *(Гӯшакро ба даст мегирад):* Беҳрӯз, боз як панҷ даркор. Дигар ангушт надорам. Чӣ кор кунам?

БЕҲРӮЗ: Надорӣ?

МАҲБУБА: Ҳа, надорам.

БЕҲРӮЗ: Ту ин қадар парешонхотир. Як ба атрофат нигар.

МАҲБУБА: Ана, нигаристам. Ягон чиз ангушт надорад. Миз чор по дорад.

БЕҲРӮЗ: Нест?

МАҲБУБА: Ҳа, нест.

БЕҲРӮЗ: Э, мизу курсиро мон. Дар хонаатон боз ягон кас ҳаст?

МАҲБУБА: Нест. Чӣ буд?

БЕҲРӮЗ: Ангуштонашро қарз гирифта, мешумурдӣ.

МАҲБУБА: Касе нест.

БЕҲРӮЗ: Ин тавр бошад, ба хонаи ҳамсоя рав. Ангушт пурс.

МАҲБУБА: Э, мон ҳамин гапро. Ҳамсояҳо чӣ мегӯянд? Барои ҳалли як мисоли математикӣ ангуштпурсӣ омадааст. Ба ҳолам механданд.

БЕҲРӮЗ: Ин тавр бошад, худат ягон илоҷ кун. Чор панҷ бист шуд. Аз ягон ҷой панҷи дигар пайдо карда шумур. Хайр! *(Гӯшакро ба ҷояш мегузорад)*

*Маҳбуба паси сарашро хорида-хорида, ба назди оина меравад. Якбора хурсанд мешавад.*

МАҲБУБА: Ёфтам! Ёфтам! Ангушт кофта гаштаам-е. Мана, ангушт. Чӣ қадар хоҳӣ, шумурдан гир. *(Дар назди оина истода, дасти чапашро пеш мебарорад ва бо ангушти дасти росташ якто-якто мешумурад):* Бисту як, бисту ду, бисту се, бисту чор, бисту панҷ. Ура-а-а-а-а! Панҷто панҷ мешавад бисту панҷ! *(Ба тамошобинон):* Акнун ба Беҳрӯз занг мезанам. Ба истеъдоди ман қоил мешавад.

# ҲАФТУНИМУ ҲАФТУНИМ

*Достону Шаҳло вазифаи хонагӣ тайёр мекунанд. Шарти мисол чунин аст: «Ҳафтуним ҷамъи ҳафтуним чанд мешавад?» Онҳо ҳафтунимро бо ҳафтуним ҷамъ карда наметавонанд. Шаҳло чунин таклиф мекунад.*

ШАҲЛО: Биё, дигар хел ҳисоб кунем.
ДОСТОН: Масалан, чӣ хел?
ШАҲЛО: Бо ёрии ягон чиз.
ДОСТОН: Бо сангчаҳо мешавад?
ШАҲЛО: Каллакаду, — сангчаро чӣ хел ба ду ҳисса тақсим мекунем? Шарти мисолро як бори дигар бихон: ҳафтуним ва ҳафтуним навишта шудааст.
ДОСТОН: Дуруст. *(пушти сар хорида баъди лаҳзае боз таклиф мекунад)* Бо конфет ҳисоб кунем-чӣ?
ШАҲЛО: Кадом конфет?
ДОСТОН: Аввал ту ҳафтунимто, баъд боз ҳафтунимто конфет меорӣ. Мо якҷоя ҳисоб мекунем.

ШАҲЛО: *(оби даҳонашро фурӯ бурда)* Мо конфет надорем.

ДОСТОН: Чӣ хел надоред? Дар ҳар хона конфет ҳаст. Боз даҳ хелаш.

ШАҲЛО: Шояд дошта бошем, лекин як моҳ шуд, ки ман надидаам.

ДОСТОН: Чӣ хел надидаӣ? Ширинӣ намехӯрӣ?

ШАҲЛО: Аз он рӯзе, ки ду дандонам якбора афтиданд, модарам шакару конфетро аз чашми ман пинҳон мекунанд.

ДОСТОН: Дар хонаи мо ин хел нест. Як табақча конфет дар пеши тиреза истодааст.

ШАҲЛО: Ин тавр бошад, ту конфет биёр.

*Достон аз таърифи бемавридаш пушаймон мешавад. Аз ҷой хеста пушти сар хорида-хорида меравад ва баъди чанд дақиқа ду киса конфети «Парасту» меорад. Бачаҳо аввал ҳафттоӣ конфет ҷудо мекунанд. Баъд яктоӣ конфетро ду ним карда, бо худ мегиранд. Боқимондаашро Достон ба кисааш меандозад. Ин лаҳза Шаҳло мепурсад:*

ШАҲЛО: Ширин аст?

ДОСТОН: Чашида бин! Ман хасис нестам.

*Шаҳло ними конфетро ба даҳонаш мепартояд. Баъд якҷоя конфетҳоро мешумуранд.*

ДОСТОН: Аз ман чордаҳунимто баромад.

ШАҲЛО: Ман ҳам чордаҳунимто ҳисоб кардам! — Пас, ҷавоб дуруст аст: ҳафтуниму ҳафтуним баробари чордаҳуним.

*Рӯзи дигар, вақте ки муаллим дафтарҳоро барои санҷидан ҷамъ мекунад.*

ДОСТОН: *(оҳистаяк)* Шаҳло, ту ҳамон ним конфетро пеш аз ёфтани ҷавоби мисол хӯрда будӣ ё баъди он.

ШАҲЛО: Дилат сӯхт. Боз, ман хасис не, гуфтӣ-ку.

ДОСТОН: Ҷавоби мисол понздаҳ аст. Ҳафтуниму ҳафтуним понздаҳ мешудааст, на чордаҳуним.

# БАРНОМАИ ФАРҲАНГӢ

***Иштирокчиён:*** *Искандар, Баҳодур ва Лола*

*Манзараи утоқи кори корманди радио. Искандар ва Лола дар паси миз нишастаанд. Ҳар ду гӯшмонаки радио гирифтаанд. Ду баландгӯяк, як телефон ва қаламу коғазҳо дар рӯйи миз гузошта шудаанд.*

ИСКАНДАР: Салом, шунавандагони азиз.

ЛОЛА: Субҳ ба хайр. Барномаи фарҳангии «Бачаи зирак»-ро оғоз мекунем.

ИСКАНДАР: Чун ҳарвақта шумо ба мо занг зада, савол медиҳед...

ЛОЛА: ... ва мо ҷавоб мегӯем.

ИСКАНДАР: Баръакс ҳам мешавад...

ЛОЛА: ... яъне, савол аз мою ҷавоб аз шумо...

ИСКАНДАР: Мо ваъда медиҳем, ки тамоми хоҳишҳои шуморо иҷро мекунем.

*Садои занги телефон баланд мешавад.*

| | |
|---|---|
| ИСКАНДАР: | Оҳо, занги аввалин. Ало, гӯш мекунем. Марҳамат, худатонро ба шунавандагон шинос кунед. |
| ОВОЗ: | Ман, Баҳодур, дар мактаби рақами якум, дар басти дуюм мехонам. Мехоҳам, ки ягон суруди шӯх шунавонед. |
| ИСКАНДАР: | Марҳамат, Баҳодур! |

*Искандар тугмаеро пахш мекунад ва чор-панҷ сония як мусиқии шӯх танинандоз мегардад. Боз занги телефон шунида мешавад.*

| | |
|---|---|
| ЛОЛА: | Ало. |
| ОВОЗ: | Ассалому алайкум. |
| ЛОЛА: | Салом, марҳамат, худатонро шинос кунед. |
| ОВОЗ: | Ман, Баҳодур, дар мактаби рақами якум, дар басти дуюм мехонам. |
| ЛОЛА: | Аҷоиб, Баҳодур, бачаи хушбахт будаед. Баъзеҳо рӯзи дароз кӯшиш мекунанд, ки занг зананд. Шумо, аллакай ду бор шуд... Марҳамат, чӣ савол доред? |

ОВОЗ: Ман фаромӯш кардам, ки ба падару модарам ва ҳамсинфонам аз барномаи шумо дуруд бифиристам.

ЛОЛА: Марҳамат, фақат кӯтоҳакак.

ОВОЗ: Хуб шудаст. Падару модари азиз, ҳамсинфони муҳтарам. Дуруд ба шумо!

ЛОЛА: Тамом?

ОВОЗ: Тамом, ташаккур!

*Боз занги телефон баланд мешавад.*

ИСКАНДАР: Ало, салом ба шумо ҳам. Марҳамат. Эъ, шумо Баҳодур-ку.

ОВОЗ: Ҳа, ман Баҳодур, дар мактаби рақами якум, дар басти дуюм мехонам. Як муаммо бигӯям?

ЛОЛА: Хуб... Марҳамат.

ИСКАНДАР: Гӯш мекунем

ОВОЗ: Як коргоҳ дар як рӯз бисту панҷ дучарха месозад. Ин коргоҳ дар шаш рӯз чанд дучарха сохта метавонад?

ИСКАНДАР: О, ин муаммо не, масъалаи математикӣ-ку?!

ОВОЗ: Ҳа, ман инро аз китоби математика хондам. Илтимос, ёрӣ диҳед. Агар имрӯз ҳам вазифаи хонагиро тайёр накунам, баҳои ду мегирам.

ИСКАНДАР: Агар як коргоҳ рӯзе бисту панҷ дучарха созад, дар шаш рӯз як саду пан ҷоҳ дучарха ба фурӯш мебарорад. Яъне, бисту панҷ зарби шаш баробар мешавад ба яксаду панҷоҳ.

ОВОЗ: Ҳазор раҳмат.

ИСКАНДАР: Намеарзад...

*Занги телефон бори чорум садо медиҳад.*

ЛОЛА: Салом, шунавандаи азиз.

ОВОЗ МАРДОНАИ ДУРУШТ: Салом.

ЛОЛА: Марҳамат, худатонро шинос мекардед.

ОВОЗ: Ин манам – Баҳодур...

ЛОЛА: Барои чӣ овозатонро дурушт кардед?

ОВОЗ: Тарсидам, ки гӯшакро мепартоед.

ЛОЛА: Уф-ф-ф, дар Тоҷикистон ба ғайр аз шумо дигар кас нест? Шумо аллакай чор маротиба занг задед.

ОВОЗ: Ман шунавандаи фаъоли барномаи шумоям. Монанди ман шунаванда пайдо карда наметавонед.

ЛОЛА: Барои чӣ?

ОВОЗ: Барномаи шумо ба ман ончунон писанд аст, ки ба мактаб нарафта, гӯш карда нишастаам.

ИСКАНДАР: Ба мактаб нарафтед?

ОВОЗ: Бале.

ЛОЛА: Барои барномаи моро гӯш кардан?

ОВОЗ: Бале.

ИСКАНДАР: Ин тавр бошад, мо барномаамонро ба охир мерасонем.

ОВОЗ: Сабр кунед.

ЛОЛА: Шунавандагони азиз, барномаамон ба охир расид. Шоду хуррам бошед.

ОВОЗ: Охир...

ИСКАНДАР: Ҳой, ҷӯра. Радиоро хомӯш карда, зуд ба мактаб бирав. Мо намехоҳем, ки ягон бача...

ОВОЗ: О, ман дар басти дуюм мехонам. Барномаатонро давом диҳед!

*Искандар ва Лола ҳайрон-ҳайрон ба якдигар нигоҳ мекунанд.*

# Мундариҷа

ИХТИРОИ БУЗУРГ .......... 3

НАВРӮЗ Ё МЕҲРГОН .......... 6

БОЗӢ .......... 9

ГУНҶИШК .......... 12

РАНГИ КӮҲҲО .......... 21

ПАНҶТО ПАНҶ .......... 26

ҲАФТУНИМУ ҲАФТУНИМ .......... 30

БАРНОМАИ ФАРҲАНГӢ .......... 33

# Хонандаи азиз!

Шодем, ки боз як асари тоза мутолиа кардӣ. Офарин! Умедворем, ин китоб ба ту писанд омад. Бовар дорем, ки пас аз хондан нуктаҳои муҳимми китобро баён карда метавонӣ:

1. Муаллифи асар кист?
2. Асар чӣ ном дорад?
3. Асар дар бораи чӣ маълумот медиҳад?
4. Кадом чизҳои муҳимро омӯхтӣ?
5. Кадом маълумот ба ту маъқул шуд?
6. Аз мазмуни асар чӣ хулоса баровардӣ?

Хуб аст, ки ба ҳамсинфу ҳамсол, шиносу дӯст ва хоҳару бародаронат дар бораи китоби хондаат нақл кунӣ ё мутолиаи онро тавсия бидиҳӣ.

**Гулсара Авазова**

# ИХТИРОИ БУЗУРГ

*(Намоишномаҳои хурд барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ)*

Муҳаррири масъул — Ҷӯра Ҳошимӣ
Ҳайати таҳрир: Баҳриддин Камолиддинов, Мирзо Солеҳ, Саидамир Аминов, Абдуҷаббор Алиев, Фаридуни Умарбек
Мушовирон: Аҳмадшоҳ Комилзода, Муҳиддин Зиёиён
Тарроҳ — Владимир Казберович

Ба чоп 28.09.2020 имзо шуд. Андозаи 60×84 1/16. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 2,5. Адади нашр 6500 нусха.

Дар чопхонаи ҶДММ «Полиграф групп» нашр шудааст.
ш. Душанбе, к. Ҳувайдуллоев, 113. www.polygraph-group.tj

Китоб ройгон дастрас карда мешавад.

«Полиграф групп»

9 789997 530226